# ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба кори диссертатсионии Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» аз масъалаҳои баҳсталаби ҷомеаи муосир ба шумор меравад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Масъалаи ташаккули самаранокии истифодаи технологияи муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) тамоюли арзишҳои меҳнатии хонандагонро дар шароити нави педагогӣ-иҷтимоӣ, амсилакунонӣ ё дигаргунсозии таҷрибавӣ, таҳлил ва ташкили корҳои тарбиявӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеа қарор дошта, аз вазифаҳои калидии педагогикаи гузашта ва муосир ба шумор рафта, бо заминаҳои таърихии ворид шудан ба асри XXI дар шароити тағйирёбии назаррас дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, яъне раванди умумии арзишҳои меҳнатии хонандагон дар шароити муосир муайян карда мешавад. Вазъи кунунӣ тақозо менамояд, ки омӯзгорон бояд дар раванди таълими технология (таълими меҳнат), мунтазам аз унсурҳои таълими рушдёбанда, проблемавӣ ва пешрафта истифода намуда, қобилияти дарсомӯзии хонандагонро баланд бардоранд.

Истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни таълими технология (таълими меҳнат) аз масъалаҳои асосии таҳсилот буда, имкон медиҳад проблемаҳои таълими рушдиҳанда дар сатҳи зарурӣ ҳал карда шавад. Омӯзгор барои ноил шудан ба мақсадҳои таълим методикаву технологияҳои муосирро вобаста ба муносибати босалоҳият дар таълим аз худ намуда, амсилаҳои иттилоотиро таҳлилу таҳия карда тавонад. Дар ин

самт, маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок барои самаранокии таълими технология (таълими меҳнат), муносибати меҳнатии ҷомеа алоқаманд буда, зарур аст, ки ҳалли масоили амсилаҳои таҷрибавии омӯзишии ҷавонон ҳаллу фасл ва танзим карда шаванд. Дар хонандагон ба вуҷуд овардан ва ташаккул додани арзишҳои меҳнатӣ дар шароитҳои муосири педагогӣ бе омӯзиши мукаммали асосҳои илм ва таҷрибаи ҳаёт, қонуну қоидаҳои дар ҷамъият амалкунанда зиндагӣ кардан ва саҳм гузоштан дар рушду инкишофи ҷомеа ғайриимкон аст.

Ташаккули тамоюлҳои самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар таълими технология (таълими меҳнат), таҳлилу ташкили ҷараёни таълим чун сифати таркибии шахсияти хонадагон дар ҷомеа бо тағйирот дар низоми умумии таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо талаботи шаклгирифта дар амалияи иҷтимоӣ педагогӣ: ҷаҳонишавӣ, кам кардан ё ба эътибор нагирифтани хусусиятҳои усулҳои таълиму тарбияи қишри ҷомеа, ки шуури хонандагонро халалдор карда, амсилаи масъалаҳои инкишофёбии шахсият доир ба ҳамкории муштараки педагогию шахсӣ, давлати соҳибистиқлолро ба инобат намегирад, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли ин масъалаҳо бевосита ба усулҳои инноватсионии таълим ва омодасозии кадрҳои баландихтисос вобаста аст. Ин раванд аз дониш ва малакаҳои касбии онҳо вобаста буда, дар ҷомеаи имрӯза нақши муҳим мебозад.

Фикрҳои пешниҳод намудаи муҳаққиқ дар рисола аз он шаҳодат медиҳад, ки дарси муосир, алалхусус дарсҳои технология (таълими меҳнат)-ро бидуни истифода аз технологияҳои муосири таълим тасаввур кардан имконнопазир аст, ки он асоси рушди ба сифати таҳсилот ва омодасозии мутахассисон дар бозори меҳнат мебошад. Таҳқиқоти муҳаққиқ аз мубрамии мавзуи самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) шаҳодат медиҳад.

Таърихи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи башарӣ дар тули садсолаҳо исбот намуд, ки бе меҳнат мавҷудияти ҷомеаи солим ғайриимкон аст.

Бо дарназардошти нуктаҳои зикршуда зарурати воқеии таҳқиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба вуҷуд меояд. Муҳаққиқ дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили тамоюлҳои арзишҳои истифодаи технология (таълими меҳнат) дар дарсҳои муосирро, бо истифода аз технологияҳои инноватсионии таълим дар ботини хонандагон, мутахассисони оянда вобаста ба худмуайянкунии ҳаётӣ арзёбӣ кардааст. Зеро муҳимтарин ва пурарзиштарин бозёфти иҷтимоию психологии хонандагон ин кашф карда тавонистани ҷаҳони ботинии худ, таҷрибаомӯзӣ ва арзишҳои ҳаётан муҳим, муносибати оқилонаю дурандешона бо атрофиён ва шахсияти худ маҳсуб меёбад.

Муаммои таҳқиқот хусусиятҳои ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, усулҳои пешрафтаи таълими фанни технология (таълими меҳнат), роҳнамоии психологӣ-педагогии самаранокии таълими фанни мазкур дар низоми таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба раванди таълим ва таҳсилот алоқамандии зич дорад. Мавқеъ ва аҳаммияти воситаҳои муосири таълим дар ташаккул ва инкишофи шахсияти эҷодии хонандагон ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар раванди дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар МТМУ бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат), маводи методӣ оид ба истифодаи технологияҳои муосиру инноватсионии таълим роҷеъ ба роҳу усулҳои рушди салоҳиятҳои технологии хонандагонро барои азхудкунии методҳо ва ташаккули маҳорати истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар МТМУ-ро фаро мегирад.

Аз ин лиҳоз, месазад, ки таҳқиқоти мавриди назарро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дархури ниёзҳои ҷомеаи муосир арзёбӣ кунем.

*Навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.*

Қабл аз ҳама, месазад дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалӣ, вазифа ва фарзияи илмии мавзуи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузор намудаи муҳаққиқ, хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзур намудаи ӯ бозгӯйи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муҳаққиқ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Гузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масоили зиёди истифодаи самараноки технологияи инноватсионии таълими технология (таълими меҳнат) дар ташкили раванди таълиму тарбия ба таври самаранок ҳаллу фасли худро ёфтаанд, ки аз навгониҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд, масалан:

- махсусият ва шароитҳои педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни таълими фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ ошкор ва муайян карда шуданд;
- меъёр, роҳ ва тарзҳои истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар мазмуни таълими фанни технология (таълими меҳнат) муайян ва роҳҳои самараноки ташкили раванди таълим бо истифодаи технологияи муосири таълим ошкор карда шудаанд;

➢ мавод оид ба ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) ҳангоми истифода аз технологияҳои муосиру инноватсионии таълим коркард, маҷмуи маводи таълимию методӣ роҷеъ ба роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагон, ки шароитҳои педагогиро фаро мегиранд аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва тариқи озмоиш санҷида муайян карда шудаанд;

➢ технологияҳои педагогӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии раванди амалӣ намудани технологияҳои муосир дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таълими умумӣ муайян карда шудаанд;

➢ шароитҳои педагогии муосир ва самарабахш тарбия кардани омӯзгорон барои омӯхтан ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ муайян карда шудаанд;

➢ усули ташхиси самаранокии технологияҳои инноватсионии таълими фанни технология (таълими меҳнат) таҳия карда шуда, дар ин замина як қатор равишҳои фаъоли таълим коркард шуданд, ки ба баландшавии сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон мусоидат менамоянд.

Нуктаҳои илмии аз ҷониби муаллиф ба ҳимоя пешниҳодшуда, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

1. Истифодаи самараноки технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳо аз омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат)-и муассисаи таҳсилоти умумӣ донистани меъёрҳои зеринро талаб мекунад:

–мафҳум, тарзу намудҳои истифодаи технологияи муосири таълими фанни технология (таълими меҳнат);

–мавқеи технологияи муосиру инноватсионии таълим дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон;

–мақсадноку бо низом истифода карда тавонистани технологияҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни дарси технология (таълими меҳнат).

2. Тайёрии босалоҳияти омӯзгор дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳо ҷанбаҳои зеринро фаро мегирад:

–донистани мазмун ва зарурати татбиқи усулҳои технологияҳои навин дар замони ҷадид;

–вазъи мувофиқи педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар ҷараёни таълими фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ;

–донистани технологияи муосири педагогӣ барои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ.

3. Ҷиҳати ташаккули муваффақона ва рушди салоҳияти касбии омӯзгорон дар барномаи курсҳои такмили ихтисос ворид кардани мавзуъҳои марбут ба технологияҳои муосири педагогӣ, инноватсионӣ ва тарзҳои муосиру мақсадноки истифодаи онҳо зарур аст.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.*

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ асоснок карда шуда, дар натиҷаи таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи технология (таълими меҳнат), методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Яке аз самтҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионии мазкур он аст, ки маводи дар ҷараёни таҳқиқот ба дастоварда ба муносибатҳои мавҷудаи илмҳои муосири педагогӣ бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) ва ташаккули арзишҳои маънавию меҳнатии хонандагон заминаи мусоиди таълимӣ фароҳам меорад.

Ба ин мазмун, истифодаи самараноки технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳо аз омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат)-и муассисаи таҳсилоти умумӣ донистани меъёрҳои зеринро талаб мекунад:

- мафҳум, тарзу намудҳои истифодаи технологияи муосири таълими фанни технология (таълими меҳнат);
- мавқеи технологияи муосиру инноватсионии таълим дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон;
- мақсадноку бо низом истифода карда тавонистани технологияҳои муосири педагогӣ дар ҷараёни дарси технология (таълими меҳнат).

Омодагии омӯзгор дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳо ҷанбаҳои зеринро фаро мегирад:

- донистани мазмун ва зарурати татбиқи усулҳои технологияҳои навин дар замони ҷадид;
- вазъи мувофиқи педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои навин дар ҷараёни омӯзонидани фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ;
- донистани технологияи муосири педагогӣ барои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ.

Ҷиҳати ташаккули муваффақона ва рушди салоҳияти касбии омӯзгорон дар барномаи курсҳои такмили ихтисос ворид кардани мавзуъҳои марбут ба технологияҳои муосири педагогӣ, инноватсионӣ ва тарзҳои муосиру мақсадноки истифодаи онҳо зарур аст.

Муҳаққиқ дар такя ба дастовардҳои илмҳои педагогӣ-психологии муосир проблемаи таҳқиқотро мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода, таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва дидгоҳи олимону пажуҳишгарони варзидаи ватаниро ҳаматарафа омӯхта, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод кардааст. Риоев Акобир барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимони маъруфи муосири тоҷику хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои зиёду арзишмандро овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

*Аҳамияти илмӣ ва амалӣ таҳқиқотро муҳаққиқ ба тавri зерин арзёбӣ менамояд, ки фарогири муҳтавои меҳварии диссертатсиянд.* Асоснок карда шудани имконоти истифодаи босамари технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ;

- ➢ муайян кардани асосҳои педагогӣ ва озмоиши самарабахшии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи озмоишҳо;
- ➢ таҳлил карда шудани адабиёти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ;
- ➢ таҳлил ва таҳқиқи фаъолияти омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ ва нақши онҳо дар истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ;
- ➢ амалӣ намудани корҳои озмоишӣ ба манзури санҷиши маҷмуи шароитҳои педагогӣ ва воситаҳои ташаккули истифодаи технологияҳои муосири педагогии таълим;
- ➢ муайян кардани хусусиятҳои педагогии ҷорӣ кардани технологияҳои муосири педагогӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) дар МТМУ.
- ➢ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат)-и МТМУ шароитҳои педагогии татбиқи технологияҳои муосири таълим аз тариқи озмоиш асоснок карда шудаанд;
- ➢ меъёр, дараҷаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва намудҳои онҳо, равшан сохтани моҳияти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) ошкор ва коркард шудаанд;
- ➢ восита ва шаклҳои фаъолияти омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат)-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар татбиқи технологиҳои муосири педагогӣ ва тарзҳои истифодаи онҳо дар раванди

дарсҳо, мавқеи технологияҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон муайян карда шуд;

- тавассути роҳу усулҳои мухталиф тасаввуроти мутахассисон, омӯзгорон ва хонандагон оид ба технологияҳои муосири педагогӣ ва моҳияти он дар донишандӯзии хонандагон муайян карда шудаанд;
- тавсияҳои илмию амалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳияти омӯзгор оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун сифати муҳимми касбии омӯзгор коркард ва пешниҳод шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии равияи педагогӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ, ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, инчунин, дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода бурд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.*

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф баргузоршуда баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар 33 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 11 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсия, 9 дастури таълимӣ ва 4 барнома ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо забони тоҷикии адабӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба мавзуи асосӣ хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикр шудааст, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид:

1. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

2. Дар навгониҳои илмии таҳқиқот, сархати 4, технологияҳои педагогӣ оид ба баландбардории ... муайян карда шаванд (саҳ. 11 автореферат), шояд шудаанд, агар муайян карда шаванд бошад, ин навгонӣ нест ва ба «Вазифаҳои таҳқиқот» мансуб аст. Чунин камбудӣ дар сархати 5, шароитҳои педагогии муосир ... муайян карда шаванд, мавҷуд аст.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## Хулосаи ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич, ки дар мавзуи **«Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси **13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот** мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи нақшакашӣ,
геометрияи тасвирӣ ва методикаи
они Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Исломов Озод Азимович
**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 8, бинои 87, хуҷраи 43 тел: 927594442
«10» сентябри соли 2025

Имзои Исломов О. А -ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Саъдуллозода З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров»
телефон: (992-3422) 6-52-73